**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон», д.и.и., профессор
__________ Иброҳимзода И.Р
«_10_» ___03_______ 2026 сол

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи номзадии Исмоилзода Мадина Исмоил дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Исмоилзода Мадина Исмоил дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ.** Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити густариши муносибатҳои бозорӣ, рақамикунонии моликияти зеҳнӣ ва баланд гардидани сатҳи ҳимояи ҳуқуқи муаллиф, ҳуқуқҳои иҷрогарон, истеҳсолкунандагони фонограммаҳо, ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелиро, ки бинобар алоқамандӣ ба ҳуқуқӣ муаллиф, ҳуқуқҳои вобаста ном гирифтаанд, аҳаммияти махсусро касб намудааст. Дар шароити имрӯзаи мамлакат, ки бо густурдани фаъолияти эҷодии иҷрогарро асари санъати иҷрогарӣ номида, натиҷаи фаъолияти истеҳсолкунандагони фонограмма ва ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелиро асар арзёбӣ намуда, масъалаи таъмини устувор гардонидан меъёрҳои ҳуқуқӣ дар муносибатҳои ҳуқуқҳои вобаста яке аз самтҳои калидии такмили танзими соҳаи ҳуқуқи хусусӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳуқуқҳои вобаста хусусиятҳои ба худ хос доранд. Пеш аз ҳама ҳуқуқҳои вобаста аз ҳуқуқҳои муаллифони асарҳои эҷодӣ вобаста ва муштарак мебошанд. Аз ин лиҳоз, иҷрогар, истеҳсолкунандаи фонограмма, ташкилоти

пахши эфирӣ ва кабелӣ дар доираи ҳуқуқҳои бо шартномаи муаллифӣ соҳибшуда маҳдуд мебошанд.

Анҷом додани таҳқиқоти илмии бунёдӣ оид ба масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон амри зарурӣ буда, метавонад ба беҳсозии танзими ҳуқуқӣ, таҳкими субот дар муносибатҳои маданӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии иштирокчиёни ҳуқуқҳои вобаста мусоидат намояд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, метавон ишора намуд, ки таҳқиқоти диссертатсионии Исмоилзода Мадина Исмоил дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дорои аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ мебошад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Дараҷаи асоснокии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳодҳои диссертатсияи Исмоилзода Мадина Исмоил дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар сатҳи олӣ арзёбӣ шуда, натиҷаҳои он аз таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории маданӣ, мавод ва таҷрибаи судӣ ва ҳамчунин, доктринаи ҳуқуқӣ бармеоянд. Дар таҳқиқоти мазкур бо корбурд аз усулҳои диалектикӣ, мантиқӣ-забонӣ, таҳлили низомнок, расмӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ масъалаҳои назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста баррасӣ шудаанд.

Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот маҷмуи васеи усулҳои илмиро, аз ҷумла диалектикӣ, мантиқӣ-забонӣ, таҳлили низомнок, усули расмӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқиро ба таври муассир ба кор бурда, масъалаҳои назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобастаро нисбат ба воқеияти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаҷониба мавриди таҳлил қарор додааст.

Ин таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он ҷиҳат низ арзиши баланди илмӣ дорад, ки дар илми ҳуқуқи мадании Тоҷикистон чунин таҳлили мукаммал ва низомнок дар бораи танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста то имрӯз ба таври ҷудогона анҷом наёфта буд. Танҳо баъзе паҳлуҳои ин масъала аз ҷониби шуморе аз муҳаққиқон дар таҳқиқотҳои аён-аён мавриди баррасӣ қарор гирифта буданд. Аз ин рӯ, кори мазкурро метавон ҳамчун иқдоми ҷиддӣ ва муҳим дар таҳия ва инкишофи таълимоти ҳуқуқҳои вобаста арзёбӣ кард. Муаллиф ба таври босалоҳият, моҳият, аҳаммият, хусусият, шартҳои муҳими танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобастаро таҳлил намуда, унсурҳо ва дурнамои ҳуқуқии онро аз дидгоҳи навин ва мутобиқ ба талаботи муосир шарҳ додааст.

Аҳаммияти илмиву амалии рисола ба андешаи муаллиф дар он аст, ки тамоми натиҷаҳои бадастомада метавонанд аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ

баҳри такмили қонунгузории кишвар мусоидат намоянд. Муаллиф бо далелҳои муътамади илмӣ ва амалӣ пешниҳод кардааст, ки зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ин самт ба миён омадааст. Хусусан, дуруст ва дақиқ намудани мафҳумҳои калидӣ, меъёрҳои қонунгузорӣ ва муайян намудани мавқеи ҳуқуқии қоидаҳои амалкунанда аз ҷумлаи масъалаҳое мебошанд, ки дар диссертатсия бо асоснокии баланд пешниҳод шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.**

Навгонии илмии диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар илми ҳуқуқи маданӣ бори аввал таҳқиқоти ҳамаҷонибаи назариявию амалӣ оид ба Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо такя ба вазъи муосири муносибатҳои маданӣ дар самти ҳуқуқҳои вобаста, сиёсати давлат ва меъёрҳои нави қонунгузории миллӣ анҷом дода шудааст. Муаллиф дар рисола бо истифода аз таҳлили илмии ҳуқуқии санадҳои меъёрӣ, таҷрибаи амалкунандаи судӣ ва маводҳои назариявии давлатҳои хориҷӣ, паҳлуҳои гуногуни танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобастаро аз дидгоҳи нав ва бо равиши муосири илмӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Дар доираи ин диссертатсия масъалаҳои зерини дорои навгонии илмӣ ба таври амиқ баррасӣ шудаанд:

**Якум,** муаллиф асоснок намудааст, ки дар Тоҷикистон консепсияи «моликияти зеҳнӣ» ва консепсияи «ҳуқуқҳои истисноӣ» дар якҷоягӣ ва шабоҳатӣ амал менамоянд. Пешниҳод мегардад, ки ин консепсияҳои ҳуқуқӣ бояд вобаста ба мазмун ва доираи ҳуқуқҳои фарогирандаашон дар адабиётҳо ва қонунгузорӣ истифода карда шавад. Ҳуқуқҳои истисноӣ бояд танҳо фарогири ҳуқуқҳои молумулкии марбут ба моликияти зеҳнӣ бошад ва бояд ҳамин тавр истифода гардад. Моликияти зеҳнӣ ба таври васеъ, фарогири ҳам ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ҳам ҳуқуқҳои ғайримолумулкии марбут ба объектҳои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ бояд бошад.

**Дуюм,** муаллиф иброз намудааст, ки аксари ҳуқуқҳои вобаста ба истифодаи технологияҳо алоқамандӣ доранд. Яъне, ҳангоми пайдоиши технологияҳои нав, объектҳои нав офарида мешаванд ва табиист, ки бояд нисбати онҳо ҳуқуқҳои соҳибони онҳо муқаррар карда шавад. Аз ҳамин лиҳоз, дар қонунгузорӣ гурӯҳи ҳуқуқҳои нави вобаста муқаррар кардан зарур мешаванд. Инчунин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон се гурӯҳи ҳуқуқҳои вобаста (ҳуқуқҳои иҷрогарон, сабтгарони фонограмма, ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелӣ) муқаррар карда шудааст. Ба назари муаллиф дар баъзе давлатҳо, ин ҳуқуқҳо ба панҷ-шаш гурӯҳ рафта расидаанд. Ҳамзамон, оянда дар алоқамандӣ ба рушди технология ҳуқуқҳои нав пайдо шуданаш имконпазир буданашро асоснок намудааст.

**Сеюм,** асоснок карда шудааст, ки ҳуқуқҳои иҷрогарон ба ҳуқуқҳои муаллифон наметавонад дохил карда шавад ва онҳо бояд ҳамчун ҳуқуқи вобаста боқӣ монанд. Зеро, объектҳои ҳуқуқи иҷрогарон на ҳамеша хусусияти аслӣ ва эҷодӣ дорад. Баръакс объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ хосияти эҷодию аслиро доранд. Баъдан объектҳои ҳуқуқи иҷрогарон аз объектҳои муаллифон маншаъ мегирад. Барои ҳамин ҳам он объектҳоро объекти ҳуқуқи муаллифӣ бахснокии эътироф кардани онҳоро бо дарназардошти амалияи муосири муносибатҳои ҳуқуқи вобаста баён гардидааст.

**Чорум,** ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқҳои вобаста тарзу усулҳои хос ба объектҳои нави пайдомешуда зарур шуморида, тарзҳои нави ҳифзи ҳуқукро (бастани саҳифаи сомонае, ки дар он ҳуқуқвайронкунӣ мавҷуд аст (блокировка), хориҷ кардани маводи ғайриқонунӣ аз сомона коркард ва истифода бурдан асоснок шудааст. Инчунин, нақши калони миёнаравони иттилоотӣ дар ҳифзи ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқҳои муллиф бо назари интиқодӣ баррасӣ шудаанд.

Навоварии илмӣ, ҳамчунин дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои бадастомада заминаи назариявӣ ва амалӣ барои такмили қонунгузории маданӣ, таҳияи санадҳои нави зерқонунӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ ва баланд бардоштани сатҳи ҳимояи ҳуқуқи муаллиф, ҳуқуқҳои иҷрогарон, истеҳсолкунандагони фонограммаҳо, ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелиро, ки бинобар алоқамандӣ бо ҳуқуқи муаллифро фароҳам меоранд. Таҳқиқоти мазкур мушкилоти назариявӣ ва амалии вуҷуддоштаро дар илми ҳуқуқи маданӣ то андозае бартараф намуда, имконият медиҳад, ки мушкилотҳои вобаста ба волоияти ҳуқуқ, устувории танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҳуқуқҳои вобаста алоқаманд буда, дар сатҳи баланди илмӣ ҳал карда шаванд.

Саҳеҳии ҳамаи натиҷаҳои илмии дар боло зикршуда бо ақидаҳои дар илми ҳуқуқшиносӣ пазируфташуда, асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқи диссертатсионӣ, таҷрибаи қонунгузорӣ дар самти танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста тасдиқ карда мешавад.

Натиҷаҳои илмии диссертатсия, ки дар нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва хулосаҳои умумӣ инъикос ёфтаанд, қобили истифода барои такмили қонунгузории миллӣ, фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ, таҳияи барномаҳои таълимӣ ва омода намудани китобҳои дарсӣ аз фанҳои «Ҳуқуқи маданӣ» ва «Ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ» мебошанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки хулоса ва пешниҳодҳои зикршуда барои рушди минбаъдаи ҳуқуқи маданӣ ва танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста аҳаммияти донишафзунӣ доранд. Пайдоиш ва инкишофи танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар қонунгузории маданӣ марҳилаи нав буда, дар рушди муносибатҳои

моликияти зеҳнӣ таъсир расонида ва шароит фароҳам овард, ки низоми моликияти зеҳнӣ такмил дода шавад. Ин бошад чораи муҳим дар самти дастгирии ҳуқуқи муаллиф, ҳуқуқҳои иҷрогарон, истеҳсолкунандагони фонограммаҳо, ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелиро, ки бинобар алоқамандӣ бо ҳуқуқи муаллифанд, босифат гардид.

Натиҷаҳои илмии ҳосилшуда аз таҳлили қонунгузории амалкунанда ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд омада, ошкоршавии камбудиҳои қонунгузорӣ, мухолифати баъзе меъёрҳои он ва холигӣ дар таҳлили назариявии ҳуқуқҳои вобаста ва танзими ҳуқуқии он ба вуҷуд омада, барои бартараф намудани камбудиҳо дар танзими ҳуқуқии ин муносибат ва рушди ҳуқуқи маданӣ равона шудааст.

Натиҷаҳои диссертатсияи довталаб М.И. Исмоилзода аз аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бархӯрдор буда, дар ин замина ба инкишофи илми ҳуқуқи маданӣ, такмили қонунгузорӣ, танзими муносибатҳо дуруст ба роҳ, мондани амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ, ҳифзи манфиатҳои зеҳнӣ ва дар амалӣ гардидан ва ҳимояи ҳуқуқҳои муаллифон мусоидат менамоянд. Таҳқиқоти мазкур фарогири нахустин таҳлили муфассали илмии ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар он мафҳумҳои ба мавзуъ алоқаманд мушаххас таҳлил гардида, зимни пешниҳод ва хулосаҳои муфид аз ҷониби муаллиф манзур шудаанд.

Натиҷаҳои амалии таҳқиқот қобилияти истифода дар беҳбуди фаъолияти мақомоти судӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, баҳри танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҳуқуқҳои вобаста, такмили қонунгузории маданӣ ва моликияти зеҳнӣ, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои тарафҳои муносибати мазкур кумак мерасонад.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои диссертатсияи мазкур аз лиҳози илмӣ барои баланд гардидани донишҳои ҳуқуқӣ, аз лиҳози амалӣ сабаби инкишофи низоми ҳуқуқӣ; аз лиҳози иқтисодӣ барои равнақи муносибатҳои вобаста ва аз лиҳози иҷтимоӣ мунҷар ба таҳкими адолати иҷтимоӣ ва эътимоди умумӣ дар ҷомеа мешавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар ҳақиқӣ будани дониши ҳосилшуда, мантиқӣ будани таҳқиқот, дарки таърихи пайдоиш ва инкишофи ҳуқуқҳои вобаста, усул ва вазифаҳои танзими ҳуқуқии он, инъикоси воқеии масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста, таҳлили захираҳои илмию амалии соҳавӣ, амалисозии натиҷаҳои он, инчунин мутобиқати диссертатсия ба талаботҳои муқарраршуда, таҳлили ҳаматарафаи назариявӣ ва амалии мушкилоти самти мазкур ифода мегардад.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ дар воқеӣ будани хулосаҳо, асоснокии илмии онҳо, мутобиқати мантиқии дохилӣ, таҳлили ҳаматарафаи назариявӣ ва амалии мушкилоти танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста бо дарназардошти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили маводи илмӣ ва амалӣ оид ба таҳқиқ, инчунин усулҳои татбиқгардидаи таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла усули диалектикӣ, таҳлили низомнок, мантикӣ-забонӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, ҳамчунин мутобиқати диссертатсия ба талаботи муқарраршуда, ифода мегардад.

Муаллиф ба таҳлили маводҳои воқеии амалияи судӣ, таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ ва амалияи танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста такя намудааст, ки асоси боэътимоди эмпирикиро барои натиҷа ва хулосаҳо ташкил медиҳад.

Дурустии натиҷаҳои бадастомада бо истифодаи манбаъҳои боэътимоди илмӣ ва амалӣ, аз ҷумла адабиёти илмии ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қонунгузории Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ, инчунин маводҳои парвандаҳои маданӣ оид ҳимояи ҳуқуқи муаллиф, ҳуқуқҳои иҷрогарон, истеҳсолкунандагони фонограммаҳо, ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелиро, ки бинобар алоқамандӣ бо ҳуқуқи муаллиф бамиён омаданд, тасдиқ гардидааст. Таҳлили густурдаи ин маводҳо имкон медиҳад, ки натиҷаҳо бо далелҳои воқеӣ тасдиқ гардида, аз нуқтаи назари илмӣ ва ҳуқуқӣ ба таври пурра дуруст бошанд.

Асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода ёфтааст, ки муаллиф бо корбурд аз таҳлили ҳамаҷонибаи адабиёти ҳуқуқӣ ва амалияи воқеӣ пешниҳодҳои мушаххаси назариявию амалиро барои такмил додани қонунгузории маданӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ бахусус ҳуқуқҳои вобаста таҳия кардааст. Ҳар як хулоса ва пешниҳоди муаллиф бо далелҳои эътимодноки илмӣ, таҳлили мантиқӣ-забонӣ ва таҷрибаи воқеии ҳуқуқтатбиққунӣ асоснок гардида, барои такмили қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти судӣ ва дигар мақомоти марбута заминаи кофӣ мегузоранд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур бо дараҷаи баланди эътимоднокӣ, дурустӣ ва асоснокии илмӣ ва амалӣ фарқ карда, барои истифода дар фаъолияти илмӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ мувофиқ ва судманд мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ Исмоилзода Мадина Исмоил дар он аст, ки довталаб ба масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста мустақилона ибрози ақида намуда, назарияи илмии худро ба хонанда пешниҳод намудааст. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи

навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои илман асоснокгашта, интишороти илмӣ, ки бо саҳми бевоситаи ӯ омода карда шудаанд, инчунин бо маърӯзаҳо дар семинарҳо ва конференсияҳои гуногун тасдиқ карда мешаванд.

Пешниҳоду таклифҳои муаллиф дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста ифодаи худро ёфтааст. Услуби навишт, масъалагузории илмӣ, муносибати вижа ба таҳлили мавзуи таҳқиқот, ҳамчунин маънидоднамоии меъёрҳои қонунгузорӣ ва дар ин замина таклифҳо барои такмили қонунгузорӣ саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти мазкур дар 22 маводи илмӣ, аз ҷумла 12 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расидааст. Ҳамчунин, дар ҳаммуаллифӣ 1 монографияи дигар дар самти танзими ҳуқуқии моликияти зеҳнӣ ва 2 маводи дигари илмӣ ба табъ расонидааст. Дар ин нашрияҳо натиҷаҳои калидӣ, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодкардаи унвонҷӯ ба таври мушаххас ва возеҳ баён ёфтаанд. Аз ҷумла:

[1–М]. Исмоилова, М.И. Танзими ҳуқуқии моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: монография: нашри аввал / М.А. Қодирзода, М.И. Исмоилова, Ш.Х. Одиназода, Ҳ.Р. Раҳмонов, К.М. Каримов, М.Н. Сайдалиён // Зери таҳрири Саидзода Иззатулло Ҳабибулло – директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. – Душанбе: Абдураҳмон-Р, 2022. – 188 с.

[2–М]. Исмоилова, М.И. Понятие смежных прав по законодательство Республики Таджикистан [Текст] / М.И. Исмоилова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2014. – №3/9 (154). – С. 83-85. ISSN: 2074-1847.

[3–М]. Исмоилова, М.И. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории соҳаи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории ИДМ [Матн] / М.И. Исмоилова // Қонунгузорӣ. – 2016. – №3 (23). – С. 82-86. ISSN 2410-2903.

[4–М]. Исмоилова, М.И. Баъзе масъалаҳои рушди қонунгузории сайёҳӣ [Матн] / М.И. Исмоилова // Қонунгузорӣ. – 2017. – №2 (26). – С. 57-61. ISSN 2410-2903.

[5–М]. Исмоилова, М.И. Таҳлили қонунгузории ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ [Матн] / М.И. Исмоилова // Қонунгузорӣ. – 2017. – №4 (28). – С. 109-114. ISSN 2410-2903.

[6–М]. Исмоилова, М.И. Процесс формирования и совершенствования законодательных актов по защите смежных прав в Республике Таджикистан [Текст] / М.И. Исмоилова // Қонунгузорӣ. – 2018. – №2 (30). – С. 30-38. ISSN 2410-2903.

[7–М]. Исмоилова, М.И. Проблемы международной и национально-правовой охраны смежных прав [Текст] / М.И. Исмоилова // Қонунгузорӣ. – 2020. – №4 (40). – С. 33-38. ISSN 2410-2903.

[8–М]. Исмоилова, М.И. Проблемы регулирования объектов смежных прав среди объектов интеллектуальной собственности [Текст] / М.И. Исмоилова // Қонунгузорӣ. – 2021. – №2 (42). – С. 31-37. ISSN 2410-2903.

[9–М]. Исмоилова, М.И. Понятие и общая характеристика смежных прав по законодательству Республики Таджикистан [Текст] / М.И. Исмоилова // Правовая жизнь. – 2020. – №4 (32). – С. 189-199. ISSN 2307–5198.

[10–М]. Исмоилова, М.И. Проблемы международной и национально-правовой охраны смежных прав [Текст] / М.И. Исмоилова // Юридическая наука: история и современность. – 2020. – №11. – С. 154-162. ISSN 2218-7170.

[11–М]. Исмоилова, М.И. Телерадиопередачи как объект смежных прав [Текст] / У.А. Меликов, М.И. Исмоилова // Қонунгузорӣ. – 2022 – №3 (47). – С. 24-28. ISSN 2410-2903.

[12–М]. Исмоилова, М.И. Проблемы международной и национально-правовой охраны смежных прав [Текст] / М.И. Исмоилова // Қонунгузорӣ. – 2023. – №1 (49). – С. 47-53. ISSN 2410-2903.

[13–М]. Исмоилова, М.И. Тарзҳои гражданӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқҳои вобаста [Матн] / У.А. Меликов, М.И. Исмоилова // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – №1 (29). – С. 145-153. ISSN 2414-9217.

[14–М]. Исмоилова, М.И. Мафҳуми ҳуқуқҳои вобаста ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо забони русӣ) // Маводи конференсияи IX илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Потенсиали инноватсионии рушди илм дар замони муосир». – Уфа, 21 июни соли 2022. – С. 178-183. К 303-0.

[15–М]. Исмоилова, М.И. Асосҳои ҳуқуқии танзимкунии ҳуқуқҳои вобаста ба Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо забони англисӣ) // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Ҷанбаҳои глобалӣ ва минтақавии рушди устувор». – Копенгаген, 6-8 июли соли 2022. – С. 148-155. ISBN 978-87-615-0721-1.

[16–М]. Исмоилова, М.И. Иҷро ва ба саҳнагузорӣ ҳамчун объекти ҳуқуқҳои вобаста (бо забони англисӣ) // Маводи конференсияи XII илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Таҳқиқоти илмӣ дар асри XXI». – Оттава, 16-18 июли соли 2022. – С. 183-190. ISBN 978-0-458-20903-3.

[17–М]. Исмоилова, М.И. Фонограмма ҳамчун объекти ҳуқуқҳои вобаста ба он // Маводи конфернсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқ, ҷомеашиносӣ ва сиёсатшиносӣ». – Бостон, 2022. – С. 13-20. ISBN 978-1-64655-129-3.

[18–М]. Исмоилова, М.И. Тавсифи умумии намудҳои объектҳои ҳуқуқҳои вобаста ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ- амалӣ таҳти унвони «Проблемаҳои рушди илми муосир». – Алмаато, 2022. – С. 75-78. ISI 2019-0.172.

[19–М]. Исмоилова, М.И. Баъзе масъалаҳо оид ба амалигардонии ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 25-солагии Ваҳдати миллӣ таҳти унвони «Методологияи танзими муносибатҳои нави ҷамъиятӣ: назария ва амалия». – Душанбе, 2022. – С. 75-82. ISBN 978-99975-74-56-6.

[20–М]. Исмоилова, М.И. Танзими ҳуқуқии марказҳои тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ / М.И. Исмоилова, М.Т. Тоирзода // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами танзими ҳуқуқии тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ, илмию техникӣ ва паркҳои технологӣ: ҳолат, мушкилот ва дурнамо» // Зери назари номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Саидзода И.Ҳ. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2024. – С. 52-60.

[21–М]. Исмоилова, М.И. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» [Матн] / М.И. Исмоилова. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2021. – 72 с.

[22–М]. Исмоилова, М.И. Истилоҳоти ҳуқуқии соҳаи иттилоот, матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма [Матн] / М.И. Исмоилова. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2020. – 48 с.

Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №0267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Дар мукаддимаи кори мазкур мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети мавзуи таҳқиқот, марҳила, макон ва давраҳои таҳқиқот оварда шуда, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, инчунин заминаҳои эмпирикии таҳқиқот, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда тавсиф гардида, аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шуда, оид ба саҳми шахсии довталаб, тасвиби

натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври зарурӣ изҳори назар карда шудааст.

Нақша ва сохтори диссертатсия тавре таҳия шудаанд, ки маҷмуи масъалаҳои муҳим ва зарурию барои ҳалли мавзуи таҳқиқшаванда дар бар мегиранд.

**Сохтори рисолаи илмӣ** бо назардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот аз номгуйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 178 саҳифаро дар бар мегирад. Аз ҷумла:

Боби якуми диссертатсия – «Тавсифи умумии ҳуқуқҳои вобаста» номгузорӣ шудааст, ки аз ду зербоб иборат аст, муаллиф, мафҳум, моҳият ва асосҳои ҳуқуқии ҳуқуқҳои вобастаро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Зербоби якуми боби якум – «Мафҳум ва моҳияти ҳуқуқҳои вобаста» номгузорӣ шудааст. Муаллифи асар дар зербоби якум хамчун анъанаи илмӣ - мафҳум ва аломатҳои ҳуқуқҳои вобастаро мавриди баррасии илмӣ қарор додааст.

Ба ақидаи муаллиф мафҳуми «ҳуқуқҳои вобаста» бо мафҳуми «моликияти зеҳнӣ» ва «ҳуқуқҳои истисноӣ» алоқамандии зич дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми «ҳуқуқҳои истисноӣ» бояд гуфт, ки дар шакли васеъ истифода мегардад. Он ҳам ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ҳам ҳуқуқҳои ғайримолумулкиро ифода менамояд ва ҳамчунин мазмуни ҳуқуқи моликияти зеҳниро ташкил менамояд (саҳ. 17).

Ба назари муаллифи диссертатсия моҳияти меҳварии ҳуқуқҳои вобастаро унсури зерин ифода менамояд, ки аз тарафи шахсони сеюм истифодабарии объектҳо ба мисли фонограмма, барномаҳои телевизион ва радио, инчунин дигар иҷрои натиҷаҳои эҷодӣ розигии ҳунармандӣ амаликунандаи иҷро ё ташкилоти анҷомдиҳандаи сабти овоз ё ташкилоти радио ва телевизиониро тақозо менамояд (саҳ. 22).

Дар диссертасия қайд шудааст, ҳарчанд Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин Конвенсия шомил гардидааст, лекин дар заминаи муқаррароти Конвенсияи болозикр мафҳумҳо, дарк, танзим ва ҳимояи ҳуқуқҳои вобаста дар қонунгузории миллӣ то кунун мавриди такмил қарор нагирифтааст. Ба ғайр аз ин, Конвенсияи болозикр ба принсипи реҷаи миллӣ бо кафолати ҳатмии ҳифз (барои мисол, ҳуқуқи иҷрогар ба иҷозатгирии истифодабарии натиҷаҳои эҷодиёти онҳо ҳангоми ҳамагуна тарзҳои таҷдиду паҳнкунии онҳо) асос меёбад.

Дар доираи ин боб ҳуқуқҳои вобаста ба он мустақил низ буда метавонанд. Масалан, ҳангоми намоиш додани асари ҳифзнашаванда тавассути кабел.

Ба маънои айнӣ ҳуқуқҳои вобаста ба он ҳамчун яке аз падидаҳои ҳуқуқи маданӣ фаҳмида мешавад.

Ба сифати субъектони ҳуқуқҳои вобаста ба он иҷрогарон, таҳиягарони фонограмма, ташкилоти пахши эфирӣ ва кабелӣ баромад мекунанд. Азбаски ҳаҷми ҳуқуқҳои ин субъектҳо гуногун аст, дар ин ҷо онҳо ба таври алоҳида тавсиф мешаванд (саҳ. 28).

Ҳамчунин, дар ин зербоб муаллиф иброз медорад, ки ҳуқуқҳои комили вобастаро метавон дар асоси шартномаҳо ба истифодаи шахсони манфиатдор таҳвил дод. Гарчанде ки шартномаҳо оид ба истифодаи ҳуқуқи комили вобастаро ба таври махсус танзим накардааст, чунин муносибатҳоро метавон дар асоси қиёси қонун ва бо татбиқи қоидаҳои шартномаи муаллифӣ ба танзим даровард. Дар таҷрибаи қонунгузории баъзе давлатҳо бошад, шартномаҳои бегонакунӣ ва иҷозатномадиҳии ҳуқуқи комили вобаста ба таври махсус муқаррар карда шудаанд (саҳ. 33-34).

Дар зербоби дуюми боби якуми диссертатссия бошад, асосҳои ҳуқуқии танзимнамоии ҳуқуқҳои вобаста мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар баробари ҳифзи ҳуқуқҳои муаллифони асарҳои илмӣ, адабӣ ва санъат қонунгузории ҳуқуқи муаллифӣ ҳуқуқҳои иҷрокунандагон, истеҳсолкунандагони фонограммаҳо, ташкили намоиши эфирӣ ва намоиши кабелӣ, офарандагони манбаи маълумот паҳкунандагони асарҳо, ки ба боигарии ҷамъиятӣ гузаронида шудаанд, эътироф ва ҳимоя менамояд (саҳ.34).

Инкишофи ин консепсияи ҳуқуқӣ ба таҳавуллоти таърихии усулҳои сабт, намоиш ва интиқоли овозу тасвир вобаста мебошад, ки дар натиҷаи он зарурати ҳимояи манфиатҳои иштирокчиёне ба миён меояд, ки дар фаъолияти коркард ва паҳнсозии асарҳои фарҳангӣ дорои саҳми арзандаи эҷодӣ, ташкилӣ ё сармоягузорӣ мебошанд. Маҳз ба ҳамин хотир феҳристи объектҳое, ки зери мафҳуми ҳуқуқҳои вобаста муттаҳид карда мешаванд, ҳам натиҷаҳои инфиродии эҷодӣ (иҷрои асар аз ҷониби ҳунарманд), ҳам натиҷаҳои хусусияти истеҳсоливу техникидошта (фонограммаҳо) ва ҳам амалиётҳои ташкилии барои расонидани асарҳо ба шунавандагон равонашударо (фаъолияти ширкатҳои телевизиону радио ва операторони шабакаҳои кабелӣ) дар бар мегирад.

Бо андешаи муаллиф дар инкишофи қонунгузории танзимкунандаи объектҳои моликияти зеҳнӣ тадриҷан бо мураккаб гардидани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва афзоиши аҳаммияти натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ барои иқтисоди

миллии кишвар марҳила ба марҳила ва пайдарпай сурат гирифта истодааст. Маҳз дар ҷавоб ба ҳамин ниёзҳои бавуҷудомада маҷмуи пурраи санадҳои меъёрии соҳавӣ қабул гардиданд, ки онҳо имконият доданд, то низоми мукаммал, муназзам ва ҳамоҳангшудаи танзими ҳуқуқӣ ба вуҷуд оварда шавад. Ин низом ба ҳимояи ҳуқуқи муаллифон, ҳавасмандсозии фаъолияти инноватсионӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳаҳои эҷодӣ ва илмӣ-техникӣ мусоидат намуд (саҳ.43).

Боби дуюми диссертатсия – «Намудҳои объектҳои ҳуқуқҳои вобаста ва реҷаи ҳуқуқии онҳо» номгузорӣ шуда, аз чор зербоб иборат аст. Зербоби якуми боби дуюм «Тавсифи умумии намудҳои объектҳои ҳуқуқҳои вобаста» номгузорӣ шудааст. Дар ин қисмати рисола муаллиф бо таҳлили қонунгузорӣ ва адабиётҳои илмӣ унсурҳои ҳуқуқҳои вобастаро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Ба назари муаллиф асосҳои назариявии институти ҳуқуқҳои вобаста, аз ҷумла номгӯйи ҳуқуқҳои вобаста ва категорияҳои онҳо, инчунин доир ба объектҳо ва субъектҳои ҳуқуқҳои вобаста то ҳанӯз дар адабиёти илмии ватанӣ таҳқиқотҳои комил анҷом дода нашудаанд. Аз ин рӯ, пеш аз ҳама, бояд тавсифоти умумии объектҳои ҳуқуқҳои вобаста, намудҳои онҳо аз нуқтаи назари вазъу ҳолати онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шавад (саҳ.47).

Муаллиф дар ин зербоб вобаста ба тарзи ифода, яъне тарзи баён ва пешниҳоди худ, объектҳои ҳуқуқҳои вобастаро ба шаклҳои зерин ҷудо кардааст:

–ба эфир додан ё тавассути воситаҳои кабелӣ ба омма дастрас намудани иҷро ё намоиш;

–сабти иҷро ё намоише, ки қаблан сабт нашуда буд;

–таҷдиди сабти иҷро ё намоиш;

–пахш ё намоиш додани сабти иҷро ё намоиш тавассути эфир ё кабел;

–ба кироя додани фонограммаҳои бо мақсади тиҷоратӣ нашршуда, аз ҷумла иҷро ё намоишҳое, ки бо иштироки мустақими худи иҷрогар анҷом дода мешаванд (саҳ.50).

Зербоби дуюми ин боби дуюм «Иҷро ва басаҳнагузорӣ ҳамчун объекти ҳуқуқҳои вобаста» ном дорад. Дар ин зербоб муаллиф ба таври ҳамаҷониба хусусиятҳои иҷро ва басаҳнагузориро таҳлил намуда, бо истифода аз маводи назариявӣ ва амалии мавҷуда, масъалаҳои муҳиммро баррасӣ намудааст.

Ҳамзамон, муаллиф қайд мекунад, ки иҷро ҳамчун объекти алоҳидаи ҳуқуқҳои вобаста ва чун натиҷаи фаъолияти эҷодии ҳунармандон-иҷрогарон аз ҷониби чандин олимоне, ки ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқҳои муаллиф машғул буданд, эътироф карда шудааст. Чунин хусусияти иҷро онро ба асарҳо

наздик мекунад ва фарқияташро аз объектҳои ҳуқуқҳои вобаста ошкор менамояд (саҳ. 63).

Муаллиф таъкид менамояд, ки объектҳои ҳуқуқҳои вобаста табиати дигар доранд. Онҳо воситаи қаноаткунии манфиатҳои иқтисодии субъектҳо мебошанд, ки фаъолияташон бо истеҳсоли молҳои махсус барои истеъмоли маънавӣ алоқаманд аст. Маҳз натиҷаҳои ин истеҳсолот бо қонун ҳифз карда мешаванд ва ҳамин тариқ манфиатҳои тиҷоратии истеҳсолкунандагони фонограммаҳо ва ташкилотҳои пахшкунии барномаҳо ҳимоя мегарданд. Алалхусус шароит барои сохтани маҳсулоти баландсифат таъмин карда мешаванд (саҳ. 64).

Дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи мазкур басаҳнагузорӣ ба сифати объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ дохил карда нашудааст, чунки басаҳнагузорӣ асар маҳсуб намегардад. Тафовути басаҳнагузорӣ аз асарҳои саҳнавӣ дар он ифода меёбад, ки меҳнати эҷодии коргардони театрӣ ин амал ва раванди офаринишу истеҳсол ин эҷод аст.

Қобили тазаккур аст, ки масъалаи зарурати ҳифзи ҳуқуқии басаҳнагузорӣ дар замони шуравӣ пешниҳод гардида буд.

Дар зербоби сеюми боби дуюм «Фонограмма ҳамчун объекти ҳуқуқҳои вобаста» мавриди баррасӣ қарор дода шудаст. Дар ин зербоб қайд шудааст, ки ворид намудани ҳуқуқ ба фонограмма дар низоми ҳуқуқҳои вобаста мазмуни асосии ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро дорад. Мутобиқи банди 5, м. 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» фонограмма ҳар гуна сабти сирф овозии иҷроишҳо ё дигар садоҳо ё инъикоси онҳо, ба ғайр аз сабти овоз, ки ба асари аудиовизуалӣ дохил карда шудааст, мебошад.

Муаллиф қайд менамояд, ки аз рӯйи таркибу мундариҷа фонограммаҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан имконпазир мебошад:

1) фонограммаҳои аз сабти асари муаллифӣ таркибёфта ва ҳамчунин, асарҳои шифоҳии муаллифии мустаҳкамгардида;

2) фонограммаҳои ҳар гуна овозҳоро дарҷкунанда, ки пайдоишашон бо истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти эҷодии инсон алоқаманд нест (саҳ. 82). Чунин таснифот барои муайян намудани шароитҳои ба вуҷуд омадани объекти ҳифз ва ҳаҷми салоҳияти ҳуқуқӣ аз рӯйи истифодабарии он, моҳияти калон дорад. Мақсад дар он аст, ки объектҳои ба гурӯҳи якум мансуббуда дар натиҷаи истифодаи объектҳои мавҷудбудаи ҳифзшаванда аллакай ба вуҷуд меоянд. Таснифоти умуман эътирофшудаи бо чунин роҳ офаридашавии объект ҳосилшавии он мебошад.

Дар зербоби сеюми боби дуюм «Пахши эфирӣ ва кабелӣ ҳамчун объекти ҳуқуқҳои вобаста» мавриди баррасӣ қарор дода шудаст. Муаллиф иброз

медорад, ки барои он ки объектҳои ҳифз дуруст муайян карда шавад, мо ба табиати вай муроҷиат мекунем. Таҳлили заминаҳои меъёрии мустаҳкамкунии ҳуқуқҳои вобастаи ташкилотҳои пахшкунандаи барномаҳо, ҳифзи манфиатҳои молумулкии онро талаб мекард. Вай аввалан бо мақсади тиҷоратии фаъолият, дуввум бо зарурати ҳимояи маблағгузориҳо ва хароҷотҳои худ ва севвум бо зарурати таъминоти шартҳо барои ба даст овардани ҳуқуқҳо бо ном маблағгузор ба барнома вобаста шудааст (саҳ. 99).

Муаллиф зикр мекунад, ки тасодуфӣ нест, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» муайянкунии ҳуқуқҳои истисноӣ ва ваколатҳои онҳо комилан мутобиқ ба танзим даровarда шудаанд.

Ҳамин тавр, моддаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» ҳуқуқҳои ташкилотҳои пахши эфирро муқаррар намуда, ба ғайр аз ҳолатҳои бо Қонуни мазкур пешбинишуда «ташкилотҳои пахши эфирӣ дар нисбати барномаҳои он ҳуқуқҳои истисноии истифодабарии барнома ба ҳар шакл ва додани иҷозат ба истифодабарии барнома бо иловаи ҳуқуқ ба гирифтани подоши ҳақ барои пешниҳодкунии чунин иҷозатҳо, мансубанд» (саҳ. 102).

Боби сеюми диссертатсия «Амалигардонӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои вобаста» ном дошта, аз ду зербоб иборат аст. Муаллифи диссертатсия таъкид менмояд, ки ҳимояи ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста аз субъектҳои фаъол вобаста мебошад. Субъекти ҳимоя пеш аз ҳама муаллифи асар, соҳиби ҳуқуқҳои вобаста, меросгирони онҳо ва дигар шахсони ҳуқуқӣ, ки ҳуқуқҳои мазкурро қабул кардаанд, мебошанд. Дар давраи ҳаёт будани офарандаи объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста, ҳимояи ҳуқуқҳои мазкурро худи онҳо ё намояндаи ваколатдори онҳо таъмин мекунад. Пас аз марг ҳимояи ҳуқуқҳои шахсии ғайриамволӣ тавассути меросгирон, шахсоне, ки тибқи васиятнома чунин ваколат доранд, ташкилотҳои махсус ё прокурор амалӣ мегардад. Масалан, ҳуқуқи муаллифият, ҳуқуқи ба ном ва дахлнопазирии асар дар соҳаи ҳуқуқи муаллифӣ бо ҳамин тартиб ҳифз карда мешавад. Ҳимояи ҳуқуқҳои молумулкиро шахсоне ба амал мебаранд, ки барои истифодаи онҳо салоҳият доранд (саҳ. 113).

Дар зербоби якуми боби сеюми диссертатсия масъалаи «Амалигардонӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои вобаста» мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар сурати аз ҷониби фурӯшанда иҷро накардани уҳдадории субъективӣ, дар нисбаташ ҷавобагарии ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки ҳимояи ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он метавонад дар шаклҳои юрисдиксионӣ ва ғайриюрисдиксионӣ амалӣ шавад. Шакли юрисдиксионӣ бо тартиби умумӣ ва махсус ба амал оварда мешавад. Тартиби умумии шакли

юрисдиксионӣ ҳимояи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобастаро тавассути тартиби судӣ таъмин менамояд. Ин тартиб хусусияти универсалӣ дошта, дар амалия васеъ истифода мешавад. Воситаи асосии ҳимояи ин тартиб даъво мебошад, ки тавассути он суд мавзуи адолатро муайян намуда, талаботи моддӣ ва ҳуқуқиро нисбати ҷавобгар баён мекунад ва эътирофи мавҷуд будан ё набудани муносибати ҳуқуқиро талаб менамояд.

Ба назари муаллиф дар масъалаи ҳимояи ҳуқуқҳои поймолшуда муаллифон ва соҳибони ҳуқуқҳои вобаста ба он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аксаран бетафовутона муносибат мекунанд. Дар ин хусус аз рӯи мақолаҳои дар рӯзномаю маҷаллаҳо нашршуда ба хулоса омадан мумкин аст. Масалан, дар яке аз рӯзномаҳо васила поймолгардии ин ҳуқуқҳо ба таври ошкоро тасвир шудааст ва беҳаракатии соҳибҳуқуқон зери танқид қарор гирифтааст (саҳ. 116).

Барои ҳалли баъзе аз мушкилотҳо, муаллиф иброз менамояд, ки интихоб намудани тарзи амалигардонии ҳуқуқ на танҳо аз салоҳдиди субъект вобастагӣ дорад, балки аз мазмуни мушаххаси ҳуқуқи субъективӣ ҳам вобаста аст. Охираш дар навбати худ бо таъиноташ муайян мешавад, яъне бо он мақсадҳое, ки барои ноилшавӣ ба онҳо вай ба шахси салоҳиятдор пешниҳод карда мешавад. Чунончӣ ҳуқуқи субъективии муаллифӣ барои таъмини эътирофи ҷамъиятии он ҳамчун воситае, ки шахс созандаи асари эҷодии мустақили нав мебошад, талаб карда шудааст (саҳ. 121-122).

Дар зербоби дуюми боби сеюми диссертатсия масъалаҳои «Тарзҳои ҳуқуқӣ-мадании ҳимояи ҳуқуқҳои вобаста» таҳлил карда шудааст. Ба андешаи муаллиф, тарзҳои ҳимояи ҳуқуқҳои вобаста метавонанд ба маданӣ-ҳуқуқӣ, маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ тақсим карда шаванд. Дар самти маданӣ-ҳуқуқӣ ҳимоя тавассути барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда, ҷуброни зиён, ситонидани ҷуброн ва татбиқи дигар чораҳои ҷавобгарӣ, ки ба танзими баҳс байни соҳиби ҳуқуқ ва вайронкунанда равона шудаанд, амалӣ мегардад. Воситаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ дахолати мақомоти салоҳиятдори давлатиро дар назар дорад, ки метавонанд чораҳои маҷбурсозии давлатӣ, аз ҷумла ҷаримаҳои маъмурӣ, мусодираи нусхаҳои ғайриқонунии истеҳсолшуда ё боздошти фаъолияти ҳуқуқвайронкунандаро татбиқ намоянд. Усули ҳимояи ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ дар ҳолатҳои аз ҳама вазнин, вақте ки дахолат ба ҳуқуқҳои вобаста хусусияти хавфноки ҷамъиятӣ мегирад ва татбиқи ҷазо (ҷарима, маҳрум сохтан аз озодӣ ё дигар ҷазоҳои ҷиноятӣ) талаб карда мешавад, мавриди татбиқ қарор дода мешавад (саҳ.131-132).

Дар хулосаи диссертатсия пешниҳодҳои унвонҷӯ ҷиҳати такмили танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста ҷойгир шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Исмоилзода Мадина Исмоил дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ», ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, мувофиқат дорад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси Исмоилзода Мадина Исмоил ба ихтисоси илмии дархостшаванда - 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мувофиқат мекунад. Таҳқиқоти диссертатсионй аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳдҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо, ғалатҳо ва масъалаҳои баҳснок, ки хусусияти ҷузъӣ доранд, холӣ нест. Аз ҷумла:

1. Ба максад мувофиқ мебуд, ки унвонҷӯ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба танзими маданӣ-ҳуқуқии ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқи муаллиф ба амалия ва қонунгузории Иттиҳоди Аврупо, алалхусус Директиваҳо диққати махсус зоҳир менамуд. Зеро дар чорчӯбаи фазои ҳуқуқии ин Иттиҳод бисёр аз масъалаҳои мубрами ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқи муаллиф дар шароити рақамишавии ҷомеа танзими умумии худро пайда намуда, дар қонунгузории давлатҳои аъзои он инкишофи дақиқи худро ёфта истодаанд. Дар ин робита барои мукаммалии кори илмӣ хуб мешуд, ки унвонҷӯ аз Директиваи (ИА) 2001/29-и Парламенти Аврупо ва Шӯрои Иттиҳоди Аврупо аз 22 майи соли 2001 “Дар бораи ҳамоҳангсозии баъзе ҷанбаҳои ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он дар ҷомеаи иттилоотӣ”, Директиваи (ИА) 2019/790-и Шӯро ва Парламенти Аврупо аз 17 апрели соли 2019 “Дар бораи ҳуқуқи муаллифи ва ҳуқуқҳои вобаста ба он дар доираи бозори ягонаи рақамӣ”, истифода менамуд

2. Дар баробари таҳлили санадҳои қонунгузорӣ вобаста ба ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» дар диссертатсия хуб мешуд, ки унвонҷӯ санадҳои меъёрии зерқонуниро вобаста ба ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба онро мавриди таҳлил қарор медод.

3. Дар нуктаи якуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз ҷониби унвонҷӯ мафҳуми ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқи муаллиф пешниҳод гардидааст, аммо дар ин маврид хуб мешуд, ки дар робита ба мафҳуми мазкур хусусиятҳои ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқи муаллифро таҳлил намуда, фарқияти онро аз дигар падидаҳои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ муайян менамуд.

4. Ба сифати эроди дигар ба таҳқиқоти диссертатсионӣ онро дарҷ кардан зарур аст, ки муаалиф аз адабиётҳои илмии нави соҳаи мазкур хел кам истифода намудааст. Агар адабиётҳои 5 солаи охирро гирем унвоҷуӯӣ фақат 8 адад истфода намудааст, ки аз шумораи умумии адабиётҳои илмии истифодашуда ҳатто 10 фисади онро ташкил наменамояд. Дар ҳоле он, ки институти ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқҳои муаллиф дар шароити васеъ паҳн гардидани технологияҳои рақамӣ яке аз мавзӯъҳои бисёр баррасишаванда дар адабиётҳои илмӣ мебошад.

Эродҳои болозикр ва камбудиҳои ҷойдошта ба сифати баланди илмии диссертатсия таъсири манфӣ ворид намесозанд, балки нишон медиҳанд, ки мавзуи мазкур мубрам буда, аз нигоҳ илмӣ таҳлил намудани онҳо саривақтӣ мебошад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраршуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқотро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Исмоилзода Мадина Исмоил дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқ буда, муаллифи он Исмоилзода Мадина Исмоил ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ сазовор мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертасия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ назариявии кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар семинар иштирок доштанд 10 нафар: Тарафдор 10 нафар, муқобил – бетараф нест. Протоколи семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти № 8 аз 6-уми марти соли 2026.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Д.А. Сидиков н.и.ҳ., доцтсенти кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон омода карда шуда, дар ҷаласаи кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар маҷлис иштирок доштанд 10 нафар: тарафдор 10 нафар, муқобил – бетараф нест. Протоколи кафедра таҳти №8 аз 06-уми марти соли 2026.

**Раиси семинари илмӣ-назариявӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
мудири кафедраи ҳуқуқи мадании
факултети ҳуқуқшиносии «Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон» Носиров Х.Т.

**Ташхисгар:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи мадании
факултети ҳуқуқшиносии «Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон» Сидиқов Д.А.

**Котиби ҷаласа:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи мадании
факултети ҳуқуқшиносии «Донишгоҳи
(славянии) Россия ва Тоҷикистон» Қодиров Ш.К.

Имзои Носиров Х.Т., Сидиқов Д.А. ва Қодиров Ш.К.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳои ДСРТ Исмаилова М.Н.

МЕЖГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ РОССИЙСКО-ТАДЖИКСКИЙ (СЛАВЯНСКИЙ) УНИВЕРСИТЕТ
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ

«06» 03 2026 с.

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. М. Турсунзода, 30,
Тел: (+992 237) 221-35-50, https://www.rtsu.tj/ru, E-mail: p.rektora@mail.ru